*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 102 (4842) | ҶУМЪА, 23 АВГУСТИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# ҚОСИМ-ЖОМАРТ ТОКАЕВ ДАР ТОҶИКИСТОН



**22-юми августи соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе меҳмони олимақомро бо нишони эҳтирому самимияти баланд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Ба хотири пазироии сазовори Сарвари давлати дӯсти Қазоқистон майдони Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе бо шиорҳо ва парчамҳои давлатии Тоҷикистону Қазоқистон идона ороста шуд.

Ҳамчунин, шумораи зиёди ҷавонону наврасони кишвар бо гулу парчамҳои ҳар ду кишвари дӯст, шиорҳои тараннумгари дӯстӣ ва барномаи махсуси фарҳангӣ меҳмони олиқадрро пазирой намуданд.

Зимни суҳбати кӯтоҳ дар фурудгоҳ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаевро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, изҳори бовар намуданд, ки натиҷаҳои сафари давлатӣ барои таҳкиму тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳамдилии ҳар ду кишвар мусоидат хоҳад кард.

**22-юми августи соли ҷорӣ маросими истиқболи расмии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев дар майдони Қасри миллат, ки ба хотири пазироии меҳмони олиқадр идона оро ёфта буд, баргузор гардид.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаевро самимона истиқбол гирифта, ба болои шоҳсуфаи фахрӣ даъват намуданд.

Маросими истиқбол бо гузориши командири қаровули фахрӣ, садо додани сурудҳои миллии ҳар ду кишвар, гузаштани сарони давлатҳо аз назди сафи қаровули фахрӣ, арзи эҳтироми меҳмони олимақом ба Парчами давлатии Тоҷикистон, шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ҳар ду ҷониб ҷараён гирифта, бо қадамзании мутантан гузаштани ҷузъу томҳои қаровули фахрӣ аз назди сарони ҳар ду давлат анҷом ёфт.

Ҳамчунин, ба ифтихори ташрифи давлатии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон аз тӯпхонаҳо 21 маротиба шиллик парронда шуд.

**Баррасии масоили ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистон ва мавзуоти мубрами минтақавию ҷаҳонӣ дар мулоқоти хосаи сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев оғоз гардида, дар вохӯрӣ бо ҳайатҳои расмии ҳар ду ҷониб идома ёфт.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳмони олиқадр ва ҳайати ҳамроҳашро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, ба Қосим-Жомарт Токаев барои таваҷҷуҳи шахсиашон ба таҳкими ҳамаҷонибаи муносибатҳои Тоҷикистону Қазоқистон, ки асоси онро робитаҳои ошкоро, эътимодбахш ва самимӣ ташкил медиҳанд, изҳори сипос намуданд.

Зимни вохӯрӣ масъалаҳои ҳамкориҳои минбаъда дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ, саноат, энергетика, молия ва бонкдорӣ, кишоварзӣ ва дигар самтҳои мавриди манфиатҳои дуҷониба муҳокима гардиданд.

Таъкид шуд, ки Қазоқистон дар миёни шарикони тиҷоратии Тоҷикистон пешсаф буда, нишондиҳандаҳои гардиши мол миёни ҳар ду кишвар дар ҳоли афзоиши устувор қарор дорад. Чунончи, гардиши мол миёни ҳар ду кишвар дар нимсолаи аввали соли равон дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 20 фоиз афзудааст.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки гардиши молро то ба 2 миллиард доллари амрикой расонанд.

Гуфта шуд, ки дар Тоҷикистон 92 корхонаи муштарак бо ҷалби сармояи Қазоқистон ва дар кишвари дӯст 89 корхона бо иштироки соҳибкорони тоҷик фаъолият дорад. Дар 5 соли охир ба иқтисоди Тоҷикистон 700 миллион доллари амрикой аз Қазоқистон сармоя ворид гардидааст.

Зимни музокирот иқтидори бузурги мавҷуда барои густариши минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод ва сармоягузорӣ таъкид шуд. Аз ин натиҷаҳои форуми тиҷоратии Тоҷикистон ва Қазоқистон, ки 21 август дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дар Душанбе баргузор шуд, дарак медиҳад.

Дар доираи ин чорабинӣ ҷонибҳо



14 қарордоди тиҷоратӣ ва созишномаи ҳамкориро ба маблағи умумии 1,2 миллиард доллар ба имзо расониданд.

Дар ин зимн пешниҳод гардид, ки самаранокии кори Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ тақвият бахшида шуда, иқтидори он мавриди истифодаи васеъ қарор гирад.

Таъкид гардид, ки дар соҳаи саноати Тоҷикистон барои ҳамкорӣ дар бахшҳои кимиё ва маъданҳои кӯҳӣ, азхудкунии конҳои нафту газ, ангишт, коркарди алюминий ва дигар металлҳо имкониятҳои зиёд мавҷуд аст.

Зимни вохӯрӣ тезонидани раванди татбиқи лоиҳаи таъсиси се маркази логистикӣ барои интиқоли маҳсулоти содиротии Тоҷикистон ба Қазоқистон зарур шуморида шуд.

Зикр гардид, ки имрӯз беш аз 80 дарсади содироти меваю сабзавоти Тоҷикистон ба Қазоқистон равона мегардад ва ин раванд дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Аз Қазоқистон ба Тоҷикистон бошад, ба миқдори зиёд гандум, орд ва дигар маҳсулоти ғалладонагӣ ворид мегардад. Танҳо соли гузашта ҳиссаи ин намуди маҳсулот дар сохтори умумии воридоти Тоҷикистон аз Қазоқистон қариб 40 фоизро ташкил дод.

Дар мулоқот бо изҳори қаноатмандӣ атрофи татбиқи мувофиқаҳои дар соҳаи рақамикунонӣ бадастомада таъкид гардид, ки соли равон 100 мутахассиси ин бахш аз Тоҷикистон дар марказҳои муосири технологияҳои иттилоотии Қазоқистон ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Аз сатҳи ҳамкорӣ дар соҳаҳои нақлиёту транзит, боркашонию мусофирбарӣ ва кушодашавии хатсайрҳои автобусҳо ва парвозҳои мунтазам миёни пойтахтҳои ҳар ду давлат қаноатмандӣ шуд.

Рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои сайёҳӣ ва робитаҳои байни минтақаҳои ҳар ду кишвар аз мавзуъҳои дигари вохӯрӣ буд.

Зимни мулоқот таъкид гардид, ки муносибати байнипарламентии кишварҳо босуръат таҳким ёфта истодааст. Дар ин самт фаъолияти Комиссияи доимӣ оид ба ҳамкории палатаҳои болоӣ ва гурӯҳҳои дӯстии палатаҳои поёнии парламентҳо назаррас арзёбӣ гардид.

Гуфта шуд, ки айни ҳол дар муассисаҳои олии таълимии Қазоқистон наздики 400 шаҳрванди Тоҷикистон ва дар кишвари мо 100 донишҷӯ аз давлати дӯст таҳсили илм доранд. Дар ин зимн ҷонибҳо андешидани тадбирҳои муштаракро барои рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг ва санъат зарур шумориданд.

Таъкид шуд, ки ҳамкорӣ дар соҳаи амният дар муносибатҳои ҳар ду кишвар мавқеи муҳим дорад.

Ҷонибҳо минбаъд низ ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамоти махсусро дар самти мубориза бо терроризму ифротгароӣ, зуҳуроти радикализм, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои киберӣ, зарур донистанд.

Дар рафти музокирот ҷонибҳо, ҳамчунин, ҳамкории кишварҳо дар чаҳорчӯби ташкилоту созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиёро баррасӣ намуданд.

**22-юми августи соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев дар Қасри миллат дар маросими муаррифии лоиҳаи ҳамкорӣ оид ба «ҳукумати электронӣ» иштирок карданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки ҷорӣ кардани «ҳукумати электронӣ» тақозои замон аст ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти талаботи ҷомеа, ба ин раванд таваҷҷуҳи рӯзафзун зоҳир менамояд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон ва ба Президенти ин кишвар муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев барои мусоидат дар амалисозии ин раванд изҳори сипос намуданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ВАЛИД АЛ-БАҲАР ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**22-юми августи соли 2024 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Мудири кулли Хазинаи кувайтии рушди иқтисодии араб Валид Ал-Баҳарро ба ҳузур пазируфтанд.**



Дар мулоқот масоили марбут ба ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хазинаи мазкур баррасӣ гардид.

- Тоҷикистон ба таҳкиму тавсеаи робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории судманд бо Давлати Кувайт таваҷҷуҳи пайваста зоҳир менамояд ва Кувайтро шарики муҳими худ медонад, - изҳор намуданд дар оғози суҳбат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷараёни тавсеаи ҳамкории Тоҷикистону хазинаи мазкур дар маблағгузории лоиҳаҳои муҳими зербиноӣ, аз ҷумла сохтмони роҳҳои мошингард, барқарорсозии шабакаҳои барқӣ ва обёрӣ, бо қаноатмандӣ таъкид гардид.

Пешвои миллат изҳор намуданд, ки ҳоло дар Тоҷикистон барои таъмини аҳолии кишвар ва минтақа бо «неруи сабз» ва рушди «иқтисоди сабз» чораҳои зарурӣ амалӣ мегарданд.

Дар робита ба ин ҷалби сармояи кувайтӣ ба соҳаи энергетикаи барқароршаванда, бахусус гидроэнергетика ва таҳкими зербинои энергетикаи барқӣ, зарур дониста шуд.

Афзун намудани маблағгузории хазина барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва нақлиёт мувофиқи мақсад номида шуд.

Ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафҳо гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.

**www.prezident.tj**

# МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО ҚОСИМ-ЖОМАРТ ТОКАЕВ



**23 - юми августи соли 2024 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев мулоқот намуд.**

Зимни мулоқот таъкид шуд, ки байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон дар заминаи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ва дар доираи созмонҳои байналмилалии парлумонӣ, пеш аз ҳама, Ассамблеяи парлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ассамблеяи байнипарлумонии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ҳамкориҳои хуб ва муносибатҳои дӯстона ба роҳ монда шудааст.

- Бо мақсади таҳкими робитаҳои дуҷониба байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон таъсиси Гурӯҳи байнипарлумонии дӯстӣ ва ҳамкорӣ яке аз аввалин иқдомҳои мо буд, - гуфт Раиси Маҷлиси намояндагон.

Эътироф гардид, ки дар шароити тағйири босуръати вазъ дар арсаи ҷаҳонӣ муколамаи доимии созандаи байни кишварҳо дар платформаҳои гуногун аҳамияти хоса дорад.

- Сафарҳо дар сатҳи гуногун, ширкат дар чорабиниҳои марбут ба самти фаъолият, инчунин, муколамаи ошкоро оид ба масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ имкон медиҳанд, ки робитаҳои байнипарлумонӣ таҳким ёбанд. Агар мо тавассути амалӣ намудани вохӯриҳои доимӣ дар сатҳи гуногун мубодилаи мутақобилаи таҷриба намуда, фаъолияти қонунгузориро муттаҳид ва ҳамоҳанг созем, он гоҳ дар тамоми соҳаҳо ба пешрафт ноил хоҳем гашт, - афзуд Маҳмадтоир Зокирзода.

- Итминони комил дорам, ки шарикии Тоҷикистону Қазоқистон минбаъд низ ба манфиати давлатҳо, халқҳо ва тамоми минтақа бемайлон инкишоф хоҳад ёфт, - гуфт дар интиҳо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода.

Дар ҷараёни мулоқот, ҳамчунин, дигар масъалаҳои марбут ба тақвияти ҳамкориҳои дуҷониба баррасӣ гардиданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МН МОҶТ**



# ҚОСИМ-ЖОМАРТ ТОКАЕВ ДАР ТОҶИКИСТОН





**(Идома аз саҳ. 1)**

Баъд аз анҷоми маросими муаррифии лоиҳа сарони давлатҳо ба коршиносони соҳа барои расидан ба ҳадафҳои созанда ва татбиқи самараноки он комёбӣ хоҳон шуданд.

**22-юми августи соли 2024 пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар ҳузур ва бо иштироки сарони давлатҳо маросими имзои 16 санади нави ҳамкорӣ баргузор гардид.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев «Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон»-ро имзо намуданд.

Сипас, санадҳои зерин ба имзо расиданд:

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамдигарфаҳмӣ миёни Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи марказии интихоботи Ҷумҳурии Қазоқистон;
- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва сохтмони Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи саноат;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи нафту газ миёни Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Қазоқистон;
- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Қазоқистон дар самти рушди инноватсионӣ ва рақамикунонӣ, омода намудан ва бозомӯзии кадрҳои кишоварзӣ;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди рақамӣ, инноватсия ва саноати кайҳонии Ҷумҳурии Қазоқистон;
- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Қазоқистон;
- Ёддошти тафоҳум миёни Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва сохтмони Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар бахши сохтмон;
- Ёддошти тафоҳум миёни Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи назорат ва бозрасии ветеринарии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи байторӣ;
- Барномаи ҳамкорӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш миёни Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати сайёҳӣ ва варзиши Ҷумҳурии Қазоқистон;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи стандартизатсия, метрология ва баҳодиҳии мутобиқат миёни Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати савдо ва ҳамгироии Ҷумҳурии Қазоқистон;
- Ёддошти тафоҳум миёни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати вилояти Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ, гуманитарӣ ва фарҳангӣ;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Қазоқистон дар самти иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои дигар мақомот;
- Ёддошти ҳамкорӣ миёни КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва ҶС «Ширкати миллии Қазоқистон темир жоли»;
- Ёддошти тафоҳум миёни КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» ва ҶСК «Ширкати миллии атомии «Казатомпром»;
- Ёддошти ҳамкорӣ миёни Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ва Маҷмааи ҷавонони Қазоқистон.

Баъд аз анҷоми маросими имзои санадҳо сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев барои доираи васеи хабарнигорон нишасти матбуотӣ оростанд.

Сарвари давлати мо аҳамияти таърихии имзои «Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон»-ро махсус таъкид карда, аз ҷумла чунин изҳор доштанд: «Ин санади муҳим, бешубҳа, дар таърихи ҳамкориҳои ҳар ду кишвар саҳифаи нав мекушояд ва бовар дорам, ки заминаи мустаҳками шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии мо хоҳад шуд».

**22-юми августи соли ҷорӣ дар толори Кохи Борбади пойтахт бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев консерти дилнишини ифтитоҳи Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Боиси хушнудист, ки имрӯз муносибатҳои дӯстии бисёрҷанбаи ҳар ду давлат дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва эътимод ба нафъи кишварҳо ва халқҳои Тоҷикистону Қазоқистон пайваста инкишоф меёбанд.

Барномаи бошукӯҳу рангини устодони санъат ва ҳунармандони Қазоқистон пешкаши меҳмонон карда шуд, ки бисёр хотирнишин ва таҷассумгари дӯстии мардумони ҳар ду кишвар буд.



Барномаи консертии устодони санъати Қазоқистон бо хушнудӣ ва кафкӯбиҳои пурмавҷ пазируфта шуд.

Зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон ба Тоҷикистон ва дар доираи Рӯзҳои фарҳанги Қазоқистон дар Тоҷикистон дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Хуҷанд барномаҳои консертӣ, намоишгоҳи ҳунармандон, намоиши аксу мусаввараҳо ва рӯзҳои синамои Қазоқистон баргузор мешаванд.



Ҳамчунин, 21-уми августи соли равон дар Боғи фарҳангию фароғатии ба номи устод Абулқосим Фирдавсӣ бо иштироки вазирони фарҳанги ҳар ду кишвар нимпайкараи шоир ва мутафаккири қазоқ Абай Кунанбаев пардабардорӣ шуд.

**23-юми августи соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев дар маркази хизматрасонии «Дунёи ош»-и пойтахт аз намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ ва таомҳои миллӣ боздид намуданд.**

Намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ ва таомҳои миллӣ дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар намоишгоҳ молу маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили полезиҳо, меваҷот ва сабзавоти тару тоза, ба маърaз гузошта шуд. Илова бар ин, дар доираи намоишгоҳ маҳсулоти нонӣ, аз ҷумла нону кулчаҳои гуногуни кадбонуҳои ҳунарманд, пешкаши меҳмонон гардид.

Дар маркази хизматрасонии «Дунёи ош» сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев бо таомҳои миллӣ, ба мисли намудҳои мухталифи ош, ки аз ҷониби ошпазҳо бо санъати баланд омода шуда буд, шинос гардиданд.

Баргузории чунин чорабиниҳо, аз қабили намоишгоҳҳо, барномаҳои фарҳангӣ ва дигар тадбирҳои муҳим, агар аз як ҷониб, шиносоии фарҳанги пурғановати бостонии тоҷикон ва муаррифии дастовардҳои ин миллати тамаддунофар дар солҳои соҳибистиқлолӣ бошад, аз дигар тараф, омили муҳими таҳкими дӯстию бародарии мардумони Тоҷикистон ва Қазоқистон аст, ки боирода ва дастгирии сарони ҳар ду давлат амалӣ мешавад.

**23-юми августи соли ҷорӣ сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дар Тоҷикистон ба анҷом расид.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нишони эҳтироми хос Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаевро самимона гусел карданд.

Президенти кишвари дӯст муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев бо изҳори сипос аз меҳмоннавозии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва таассуроти нек аз ин сафари бобарор аз шаҳри Душанбе ба ватан баргаштанд.

***

Ёдовар бояд шуд, ки рӯзҳои 22-23 август Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев бо сафари давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштанд.

Дар доираи сафар меҳмони олиқадр бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар шахсони воломақоми Тоҷикистон мулоқоту вохӯриҳои судманд анҷом доданд.

Аз рӯйи натиҷаи сафари давлатӣ 16 санади нави ҳамкорӣ, аз ҷумла санади муҳиму таърихӣ – «Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон», ба имзо расид, ки омили муҳиму таконбахши таҳкиму тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ ва шарикии стратегии ҳар ду кишвар арзёбӣ гардид.

Баргузории Рӯзҳои фарҳанги Қазоқистон дар Тоҷикистон ва анҷумани пурмаҳсули сармоягузорону соҳибкорони ҳар ду кишвар низ аз бахшҳои пурарзиши сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев ба Тоҷикистон буд.

www.prezident.tj

# СУХАНРОНИИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нишасти матбуотӣ пас аз музокирот бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев

**шаҳри Душанбе, 22 августи соли 2024**



**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма,**
**Дӯстони азиз,**

Пеш аз ҳама, мехостам аз номи мардуми Тоҷикистон ва шахсан аз номи худам бори дигар меҳмони азизамон, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Кемелевич Токаевро самимона хайрамақдам гӯям.

Мо сафари давлатии Шуморо ба Тоҷикистон, муҳтарам Қосим-Жомарт Кемелевич, рӯйдоди муҳим дар таърихи муносибатҳои дуҷониба арзёбӣ менамоем.

Зимни музокироти эътимодноки имрӯза мо азми худро ҷиҳати минбаъд низ идома додани муколамаи мунтазами сиёсӣ тасдиқ намудем.

Аз рӯйи натиҷаи музокирот якчанд санадҳои муҳим ба имзо расиданд, ки заминаи ҳуқуқии ҳамкории Тоҷикистон ва Қазоқистонро ба таври назаррас таҳким мебахшанд.

Аҳамияти таърихии баимзорасии «Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон»-ро махсус таъкид менамоям. Ин санади муҳим, бешубҳа, дар таърихи ҳамкории ҳар ду кишвар саҳифаи нав мекушояд ва бовар дорам, ки заминаи мустаҳками шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии мо хоҳад шуд.

Дар музокирот мо таъкид намудем, ки ҷанбаи тиҷоративу иқтисодӣ авлавияти муносибатҳои моро ташкил медиҳад.

Қазоқистон яке аз шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон боқӣ мемонад. Гардиши мутақобилаи мол дар шашмоҳаи якуми соли равон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта тақрибан 20% афзоиш ёфтааст.

Мо дар робита ба зарурати андешидани тадбирҳои иловагии ҳамоҳанг ҷиҳати тавсеаи номгӯйи молҳои тиҷоратӣ ба тавофуқ расидем. Ба ҳамкорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Дар панҷ соли охир ҳаҷми сармояи Қазоқистон ба иқтисоди мо 700 миллион долларро ташкил дод. Мо аз сармоягузориҳои Қазоқистон дар Тоҷикистон минбаъд низ истиқбол хоҳем кард.

Натиҷаҳои форуми соҳибкории дирӯза дар Душанбе аз имконоти васеъ дар бахшҳои тиҷорату иқтисод ва сармоягузорӣ дарак медиҳанд. Дар доираи форум ҷонибҳо чордаҳ шартномаи тиҷоратӣ ва созишномаи ҳамкорӣ ба маблағи умумии 1,2 миллиард доллар ба имзо расониданд.

Ҳар чӣ зудтар андешидани тадбирҳои зарурӣ барои оғоз намудани фаъолияти амалии Ширкати муштараки тиҷоратӣ ва сармоягузории «КазТрейд-Тоҷикистон»-ро бисёр муҳим мешуморем.

Мо аҳамияти истифодаи густурдаи иқтидори Комиссияи байниҳукуматиро таъкид кардем.

Зимни баррасии масъалаҳои иқтисодӣ дар ҷараёни музокирот мавзуъҳои вобаста ба густариши ҳамкории дуҷониба, пеш аз ҳама, дар бахши саноат, ҷойгоҳи муҳим доштанд.

Ҷониби Тоҷикистон барои татбиқи муштарак дар саноати кӯҳӣ, сабук, озуқаворӣ ва кимиё, ҳамчунин, дар соҳаҳои металлургияи ранга ва дорусозӣ лоиҳаҳои мушаххас пешниҳод намуд.

Мо масъалаҳои рушди ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзиро баррасӣ кардем. Имрӯз беш аз 80 фоизи содироти меваю сабзавоти Тоҷикистон ба Қазоқистон рост меояд.

Дар ин замина аҳамияти татбиқи амалии лоиҳаи таъсиси марказҳои логистикӣ дар Тоҷикистон барои коркард, нигоҳдорӣ ва ҳамлу нақли маҳсулоти содиротии кишоварзӣ таъкид гардид.

Бо истифода аз фурсат ба дӯстони қазоқистониамон барои мусоидати доимӣ дар таъмини талаботи кишварамон бо ғалла изҳори миннатдорӣ менамоям. Мусаллам аст, ки мо ҳамасола аз Қазоқистон ба миқдори зиёд ғаллаи озуқаворӣ, орд ва дигар маҳсулоти ғалладонагӣ ворид менамоем.

Зимни музокирот мо дурнамои васеи ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика ва рақамикунониро таъкид намудем. Мехоҳам таъкид намоям, ки тибқи тавофуқоти ҳосилшуда сад мутахассис аз Тоҷикистон дар марказҳои муосири технологияҳои иттилоотии (IT) Қазоқистон ба таври маҷозӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Мо аз рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва транзит ҷонибдорӣ намудем. Бо қаноатмандӣ ҳаҷми афзояндаи боркашонӣ ва мусофиркашонии автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоиро таъкид намудем.

Масъалаҳои густариши ҳамкорӣ байни минтақаҳо ва дар соҳаи сайёҳӣ дар маркази таваҷҷуҳи мо қарор дошт.

Ҳамчунин, рушди босуръати ҳамкории байнипарлумониро таъкид кардем.

Масъалаҳои вобаста ба робитаҳои фарҳангӣ ва гуманитарӣ низ зимни музокирот ҷойгоҳи муҳим доштанд.

Мо аҳамияти рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг ва санъатро таъкид намудем.

Дар доираи сафари давлатии муҳтарам Қосим-Жомарт Кемелевич дар Тоҷикистон ба таври фарогир Рӯзҳои фарҳанги Қазоқистон мегузаранд.

Дар арафаи сафар бошад, дар пойтахти Тоҷикистон якчанд чорабинии иҷтимоию фарҳангӣ ва илмию амалӣ муваффақона баргузор гардид, ки таҷассумгари дӯстию наздикии мардумони бародари мо мебошанд.

Ифтитоҳи муҷассамаи шоир ва маорифпарвари бузурги Қазоқистон Абай Кунанбаев дар яке аз калонтарин боғҳои шаҳри Душанбе – Боғи Фирдавсӣ ба ин сафар мафҳуми рамзӣ бахшид.

Сатҳи ҳамкорӣ дар соҳаи маорифро баланд арзёбӣ кардем. Аз тавсеаи минбаъдаи робитаҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмии ҳар ду давлат ҷонибдорӣ карда шуд.

Дар ҷараёни музокирот ҳамкорӣ дар соҳаи амниятро баррасӣ ва оид ба масъалаҳои муҳими рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ муфассал табодули афкор намудем.

Ба мувофиқа расидем, ки ҳамоҳангсозии кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсусамонро дар мубориза бо хатарҳо ва таҳдидҳои амниятӣ тақвият бахшем.

Мо доир ба зарурати густариши ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ мавқеи ҳамсон доштем.

Ҷониби Тоҷикистон ба раёсати Қазоқистон дар Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал ва механизми вохӯриҳои машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ баҳои баланд медиҳад.

Дар фарҷом мехостам аз музокироти имрӯза қаноатмандии амиқ баён намуда, ба меҳмонони азизамон дар Тоҷикистон будубоши гуворо орзу намоям.

Бо камоли мамнуният суханро ба муҳтарам Қосим-Жомарт Кемелевич Токаев медиҳам.

**Марҳамат.**

# МАҚОМИ ТОҶИКИСТОН ДАР ИНДЕКСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ШАФФОФИЯТИ БУҶЕТ БОЛОТАР РАФТ

**Дар ин бобат зимни нишасти матбуотӣ муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ мужда дод. Маълум гардид, ки тибқи баҳогузории коршиносони мустақил соли ҷорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар индекси зикршуда 33 холро соҳиб шуд, ки он дар қиёс ба баҳогузории қаблӣ ду маротиба зиёд аст. Ба шарофати ин рӯйдоди фараҳбахш мақоми кишвар дар радабандии зикршуда аз зинаи 106 ба 90 расид.**



Зимни шарҳу тавзеҳи ин масъала Юсуф Маҷидӣ минҷумла зикр кард, ки дастоварди мазкур самараи сиёсати хирадмандонаву бунёдкорона ва ҷойгоҳи бениҳоят баланди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ маҳсуб шуда, кормандони вазоратро водор месозад, ки баҳри боз ҳам беҳбуд бахшидани фаъолият беш аз пеш ҷаҳду талош намоянд.

Иттилоъ гирифтем, ки дар марҳилаи мавриди назар вазорат тибқи дархост 15 иҷозатнома барои фаъолияти бозии лото, 5 иҷозатнома барои фаъолияти иштирокчии касбии коғазҳои қиматнок, иҷозатнома барои фаъолияти лотереяи электронӣ, 3 иҷозатнома барои фаъолияти букмекерӣ, 3 иҷозатнома барои фаъолияти гаравхона (ломбард) ва 25 иҷозатнома барои фаъолияти лотерея додааст. Ҷиҳати иҷрои талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои додани иҷозат ба шахсони воқеӣ барои истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ» 223 нафар соҳиби иҷозатнома шуданд, ки ба ВМКБ 18 нафар, вилояти Хатлон - 36, вилояти Суғд - 9, шаҳри Душанбе - 16 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 144 нафар рост меояд.

Корманди рӯзнома ба масъалаи барзиёд (1,5 миллиард сомонӣ) иҷро шудани қисми даромади буҷети давлатӣ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ мароқ зоҳир карда, аз масъулин оид ба омилу манбаъҳои ин тамоюли мусбат савол дод.

Ба ин савол Юсуф Маҷидӣ муфассал бо истинод ва далелу рақамҳо посух дод. Аз ҷумла гуфт, ки бо назардошти рушди иқтисоди миллӣ қисми даромади буҷети давлатӣ дар нимсолаи якуми соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои даромад 107,9 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 21,2 млрд. сомонӣ ворид гардид.

Номбурда аз саҳми Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук ёдовар гардида, афзуд, ки дар ин давра нақшаи муайяншуда аз ҷониби Кумитаи андоз 105,9 фоиз иҷро ва ба буҷет 9,8 млрд. сомонӣ ворид шуд, ки маблағи мазкур нисбат ба нақша 546,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра фаъолияти Хадамоти гумрук низ дар сатҳи хубу сифати баланд сурат гирифта, нақша 106,5 фоиз иҷро шуд ва ба буҷет 4,6 млрд. сомонӣ ворид гардид, ки ин нишондиҳанда дар қиёс ба нақша 280,2 млн. сомонӣ зиёд аст.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**




# ТАВАЛЛУДИ 612 КӮДАКИ МАЪЮБ ПЕШГИРӢ ШУД

**- Бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шашмоҳаи якуми соли ҷорӣ ба муассисаҳои соҳа ба маблағи 112,99 миллион сомонӣ молҳои тиббию доруворӣ дастрас шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 32,83 миллион сомонӣ зиёд мебошад, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ Ҷамолиддин Абдуллозода.**



Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ бемориҳои сироятии тоун, вабо, домана, салмонеллёз, вараҷа, паратифҳо ва полиомиелит ба қайд гирифта нашудааст. Мутаассифона, дар ин давра бемории зардпарвини вируси намуди «А» 1228 ҳодиса, сӯхтанӣ - 4, илтиҳоби шуш - 859, сили бори аввал бақайдгирифташуда - 191 ва сили роҳҳои нафаскашӣ 26 ҳодиса ба қайд гирифта шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта зиёдтар мебошад.

Дар давраи мавриди назар 87 ҳазору 921 модар аз ташхиси фаросавтӣ гузаронида шуда, дар 806 нафар иллати модарзодӣ муайян ва таваллуди 612 кӯдаки маъюб пешгирӣ гардид. Аз нуқсонҳои дарёфтшуда 101 ҳодиса ба никоҳи хешутаборӣ алоқамандӣ доштааст.

Хабарнигори рӯзнома аз масъулин доир ба ҳолати Муассисаи давлатии «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина», беобӣ ва вазъи ҳузнангези санитарию эпидемиологии беморхонаҳои шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод пурсон шуд.

- Тайи чанд соли охир дар МД «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина» навгониҳои зиёд ба амал омаданд. Шаҳрвандоне, ки бо шикояти марбут ба роҳи нафас ва шуш муроҷиат мекунанд, тавассути дастгоҳҳои махсус ташхису табобат мешаванд. Марказ бо дастгоҳҳои зарурии тиббӣ давра ба давра таъмин мешавад, аз ҷумла харидории дастгоҳи «Бронхоскопия» дар назар аст, - иттилоъ дод Ҷ. Абдуллозода.

Номбурда дар робита ба мушкилоти беобӣ ва вазъи ногувори санитарию эпидемиологии бемористони ноҳияи Нуробод иброз дошт, ки дар ноҳия вақти ба истифода додани таваллудхона мушкили беобӣ бартараф шуда буд. Аз тарафи идораи хизмати коммуналии вазорат дар масофаи 3 километр хати об барои беморхона кашида шуда буд. Вале баъзе мушкилоте, ки дар маҳаллаҳои атроф ба миён омад, сабаби кам гардидани об дар муассиса гардид. Мутаассифона, масъулини вазорат оид ба мушкилоти беобӣ дар беморхонаи шаҳри Роғун ҷавоби қонеъкунанда дода натавонистанд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# МУҶОЗОТИ 180 МАНСАБДОР БАРОИ ДАХОЛАТ БА ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРОН

**Мақомоти прокуратура дар нимсолаи якуми соли равон 4412 санҷиш гузаронида, 2535 парвандаи ҷиноятӣ (аз ин 743 коррупсионӣ) оғоз намудааст. Дар ин замина 41 300 нафар ба ҷавобгарӣ кашида шуда, ҳуқуқу манфиатҳои 115 600 нафар барқарор гардидааст. Дар самти қонунгузорӣ оид ба замин 670 парвандаи ҷиноятӣ оғоз ёфта, 83 гектар замин ба ҳолати аввала баргардонида ва 4970 нафар ба ҷавобгарӣ кашида шуда, 2,5 миллион сомонӣ маблағи зарар барқарор гардид. Дар ин хусус прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**



Тибқи гуфтаи ӯ, масъулин дар баррасии 4950 парвандаи ҷиноятӣ ва 6236 парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ иштирок карда, ба 479 санадҳои судӣ эътироз овардаанд. Ба судҳо 650 даъво ба маблағи 210 миллион сомонӣ пешниҳод шуда, аз ин 488 даъво бо маблағи 150 миллион сомонӣ баррасӣ ва қонеъ шудааст.

Дар ин давра вобаста ба риояи талаботи меъморӣ ва шаҳрсозӣ 21 парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, 296 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданд. Илова бар ин, 4440 қонунвайронкунии ҳифзи меҳнат ошкор ва 70 парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, 2700 нафар муҷозот гардиданд. Бо дахолати прокуророн 142 миллион сомонӣ қарзи музди меҳнат пардохт гардид. Барои дахолат ба фаъолияти соҳибкорон ва дигар қонунвайронкуниҳо 11 парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, 180 мансабдор ба ҷавобгарии интизомию маъмурӣ кашида шуданд.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**

# ОШКОРШАВИИ КАМБУДИҲОИ 10 СУДЯ



**Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳаммад Шоҳиён зимни нишасти матбуотӣ зикр намуд, ки дар нимсолаи аввали соли 2024 аз ҷониби Суди Олӣ, Суди ВМКБ, судҳои вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбӣ ва судҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 94303 парванда ва дархосту пешниҳод мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 24611 адад зиёд мебошад. Аз парвандаҳои баррасигардида 6811 ададро парвандаҳои маданӣ, 21332 - оилавӣ, 59280 - ҷиноятӣ, 48931 - маъмурӣ, 4416 - дархости мақомоти тафтиши пешакӣ ва 3096 ададро пешниҳоди муассисаҳои ислоҳӣ, Хадамоти иҷро ва дигар ташкилоту муассисаҳо ташкил медиҳанд.**

- Дар самти амалисозии талаботи қонунҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» корҳои зиёд амалӣ гардида, нисбат ба вайронкунандагони қонуни мазкур 25021 қарор қабул шуд. Дар маҷмӯъ, ба 3681 нафар огоҳӣ ва нисбат ба 21340 шахс ба маблағи 4 миллиону 653 ҳазору 676 сомонӣ ҷарима таъин гардид. Нисбат ба вайронкунандагони Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 885 парванда баррасӣ шуда, 877 шаҳрванд ба маблағи 6 миллиону 079 ҳазору 473 сомонӣ ҷарима шуда, 8 парванда қатъ гардид,- афзуд Ш. Шоҳиён.

Ба гуфти ӯ, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 3 судя - раиси суди ноҳияи Панҷ, судяи суди шаҳри Леваканд ва судяи суди шаҳри Кӯлоб ба ҷиноят даст зада, бо ҳукми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду нафарашон аз озодӣ маҳрум ва як нафар ҷарима шуд. Барои роҳ додан ба камбудӣ ва дар сатҳи зарурӣ иҷро накардани вазифаи хизматӣ нисбат ба 7 судя муҷозоти интизомӣ таъин гардид.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# БАРҚАРОРНАМОИИ 240,5 МИЛЛИОН СОМОНӢ БА МАНФИАТИ ДАВЛАТ



**- Дар нимсолаи аввали соли 2024 аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ ба маблағи 251,1 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор гардида, 240,5 миллион сомонӣ ба манфиати давлат барқарор шудааст. Дар ин хусус директори агентӣ Сулаймон Султонзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Дар нимсолаи аввали соли равон кормандони агентӣ 1267 ҷинояти коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва дигар ҷиноятҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобастабударо ошкор намуда, тафтиши пешакии 381 парвандаи ҷиноятиро ба итмом расонида, ба судҳо ирсол намудаанд.

Зикр гардид, ки аз натиҷаи таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятӣ ба вазорату идораҳо 1772 пешниҳод ва 734 дастури хаттӣ ирсол гардида, бо баррасии онҳо нисбат ба 303 нафар ҷазои интизомӣ татбиқ шуда, 106 нафар аз вазифаҳои ишғолнамудаашон озод шудаанд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# РАИСИ «АМОНАТБОНК» АЗ РӮЗНОМАНИГОРОН ЧӢ ХОҲИШ КАРД?

**Дар нишасти матбуотӣ раиси Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» Алиҷон Салимзода ба журналистон барои ифшои камбудӣ ва пешниҳодҳо арзи сипос карда, хоҳиш намуд, ки чунин ҳамкорӣ минбаъд тавсеа бахшида шавад.**

Зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дода шуд, ки дороиву уҳдадорӣ дар «Амонатбонк» мутаносибан 7,9 млрд. ва 7 млрд. сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 20,9% ва 21,4% зиёд гардидааст. 17,3 фоиз афзудани сармоя ва ба 69,5 млн. сомонӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20,4% зиёд расидани фоидаи софи бонк идомаи мантиқии ин раванд аст. Муҳимтар аз ҳама, пардохтпазирии бонк дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта, маблағҳо сари вақт ба ҳисобҳои дахлдор гузаронида шуданд.



- Дар ин замина «Амонатбонк» ба буҷети давлат 50,7 млн. сомонӣ, аз ҷумла андоз, пардохт намуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 21,4 фоиз зиёд мебошад. «Амонатбонк» хизматрасониҳоеро анҷом медиҳад, ки ба бонкҳои дигар хос нест. Қабули маблағҳои коммуналӣ аз ҳамон ҷумла буда, дар ин давра 20,3 фоиз афзуда, ба 1,8 млрд. сомонӣ расид, - гуфт номбурда.

Дар баробари дигар комёбиҳо эътимоди аҳолӣ низ ба «Амонатбонк» тақвият ёфта, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 - юм 19,7 фоиз зиёд гардидани амонати шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ шаҳодати ин гуфта мебошад. Қобили зикр аст, ки ҳоло бақияи пасандозҳои зикршуда 5,8 млрд. сомониро ташкил дода, дар шаш моҳи аввали соли 2024 ба шаҳрвандон 39,9 млн. сомонӣ фоиз пардохт шудааст.

Бонк дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ аз ҳисоби захираҳои дохилию хориҷӣ ба зиёда аз 31 ҳазор муштарӣ 956 млн. сомонӣ қарз додааст. Мувофиқи иттилои Алиҷон Салимзода, сандуқи қарзии бонк 2,4 млрд. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипаригардида 21 фоиз афзудааст.

- Дар иртибот ба дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар дар Паёмашон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат баён гардид, «Амонатбонк» сиёсати қарздиҳии худро таҷдид намуда, ба соҳаҳои афзалиятнок имтиёзҳо пешниҳод кард. Аз ҷумла фоизи қарзҳо ба соҳаи сохтмон 4 банди фоизӣ, саноат, кишоварзӣ , тиҷорат, қарзҳои ипотекӣ 2 банди фоизӣ ва қарзҳои овердрафтӣ 1 банди фоизӣ паст карда шуд. Дар ин замина пешниҳоди қарз дар доираи аз 10 то 24 фоизи солона бо пули миллӣ ва аз 7 то 12 фоизи солона бо асъори хориҷӣ муайян шудааст. Илова бар ин, «Амонатбонк» пешниҳоди қарзҳои имтиёзнокро бо номҳои «Баҳор-2024», «Кишоварз», «Автоқарз» ва «Занҳои муваффақ» роҳандозӣ намуд, - афзуд А. Салимзода.

**Д. АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# ВУРУДИ 1,95 МЛРД. ДОЛЛАР САРМОЯ ДАР 6 МОҲ



**То 1-уми июли соли 2024 вуруди сармояи хориҷӣ ба ҷумҳурӣ 1,95 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 45,9 фоиз зиёд мебошад. Дар ин бора раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Султон Раҳимзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Бино ба гуфти ӯ, дар ин давра ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ 153,9 миллион доллари ИМА-ро ташкил дода, ба 112,6 фоиз баробар гардид.

Ин муддат ҷиҳати ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ 3 созишномаи нави сармоягузорӣ ба маблағи 2 миллиарду 16 миллион доллари ИМА барои бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ба имзо расида, барои имзои 8 созишномаи дигар ба маблағи умумии 505 миллион доллари ИМА корбарӣ ҷараён дорад.

Иттилоъ гирифтем, ки ҷиҳати муаррифии имконияти сармоягузории мамлакат як қатор форуму ҳамоишҳо дар давлатҳои Қатар, Италия, Ӯзбекистон, Туркия, Озарбойҷон, Чин, ИМА ва Арабистони Саудӣ баргузор шуданд. Дар ин замина, бо шарикони рушд созишномаҳои қарзию грантӣ барои татбиқи 8 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 460,0 миллион доллари ИМА ба имзо расид.

Аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба соҳибкорони кишвар беш аз 10,6 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта  1,3 миллиард сомонӣ ё 14,5 фоиз зиёд мебошад.

**Марҷона СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**

# МАРКАЗИ КОРКАРДИ МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ ФАЪОЛ ШУД



**- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2024», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2023 тасдиқ шудааст, дар нимсолаи якуми соли 2024 як силсила корҳоро иҷро намуд, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ директори агентӣ Ҷамшед Нурмаҳмадзода.**

- Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ 4759 кори оморӣ, аз ҷумла 967 кор марбут ба омори саноат ва сармоягузорӣ дар сохтмон, 1244 - кишоварзиву ҳифзи муҳити зист, 262 - молия, 380 - бақайдгирии нарху тарифҳо, 198 - таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо, 578 - демографӣ, шуғли аҳолӣ ва иҷтимоӣ, 693 - захираҳои моддӣ, савдо ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва 437 кор дар самтҳои нақлиёт, алоқа, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва хизматрасонии пулакӣ таҳия гардид.

Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи ҷумҳуриҳои Беларус ва Ӯзбекистон дар самти баҳисобгирии вуруду хурӯҷи шаҳрвандон ҳисобот оид ба шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сайёҳат ворид гардиданд ва шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун сайёҳ ба хориҷа сафар карданд, таҳия шуд.

Дар доираи лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон» маркази коркарди маълумот (МКМ) фаъол гардид, ки он дорои 7 сервери замонавӣ, 2 файервол, 2 свичи марказӣ ва 2 низоми нигоҳдории маълумот аст.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# ДАСТОВАРДҲО ЗИЁДАНД, ВАЛЕ...

**- Дар шаҳри Ваҳдат нимсолаи якуми соли равон 129 корхона ба қайд гирифта шуда, 29 корхона бинобар рақобатпазир набудани маҳсулот ва фарсуда гардидани таҷҳизот фаъолият накарданд. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 590 миллиону 519 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 94 миллиону 53 ҳазор сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиш 18,9 фоиз аст. Дар ин давра 81 корхонаи саноатӣ истеҳсоли маҳсулотро назар ба ҳамин давраи соли қаблӣ зиёд ва 20 корхона кам кардаанд, - изҳор дошт раиси шаҳри Ваҳдат Мирзо Исмоилзода зимни нишасти матбуотӣ.**



Дар нимсолаи якуми соли 2024 Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат таваҷҷуҳи бештарро ба иҷрои қисми даромади буҷети маҳаллӣ ва истифодаи мақсадноки маблағ равона намуд. Дар ин замина қисми даромади буҷети маҳаллӣ 108,1 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 155 миллиону 250 ҳазор сомонӣ ворид шуд, ки дар қиёс ба нақша 11 миллиону 584 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Аз 9 намуд андози маҳаллӣ танҳо андоз аз захираҳои табиӣ иҷро нагардид.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба маблағи 627 миллиону 273 ҳазор сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 33 миллиону 357 ҳазор сомонӣ зиёд буда, афзоиш 5,6 фоизро ташкил медиҳад. Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 44380 тонна сабзавот, 23653 тонна ғалладона, 22169 тонна картошка, 6571 тонна мева, 15596 тонна хӯроки чорво, 6722 тонна гӯшт, 12124 тонна шир, 41 миллиону 885 ҳазор дона тухм, 5,6 тонна пилла, 87,7 тонна пашм ва 206 тонна моҳӣ истеҳсол гардид.

Журналистон оид ба вазъи ногувори кӯчаҳои маркази шаҳр, савдои кӯчагӣ, партовҳои назди биноҳои баландошёна ва соҳили дарёҳои Кофарниҳону Элок суол пешниҳод карданд. Раиси шаҳр Мирзо Исмоилзода барои дар кӯтоҳтарин мӯҳлат бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта ба масъулон супориш дод.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**

# ҚУРБИ СОМОНӢ УСТУВОР ГАРДИД



**Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода зимни нишасти матбуотӣ изҳор намуд, ки дар нимсолаи аввали соли 2024 қурби сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 2,7 фоиз устувор гардид. Ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли гузашта 7 фоиз коҳиш ёфта буд.**

Бо назардошти вазъи иқтисодии ҷаҳон дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ қурби расмии асъори миллии аксари кишварҳои шарики асосии тиҷоратии Тоҷикистон, аз ҷумла лираи Туркия 11,7 фоиз, тангаи Қазоқистон - 3,7, сӯми Ӯзбекистон - 1,8 ва юани Чин 0,6 фоиз нисбат ба доллари ИМА коҳиш ёфт.

- Бонки миллии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2024 ҷиҳати танзими пул дар муомилот, пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани фишорҳои таварруми монетарӣ ва фаъолгардонии бозори молиявӣ 52 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматнокро ба маблағи 3,0 миллиард сомонӣ баргузор кард. Дар ин давра аз ташкилотҳои қарзӣ тавассути амалиёти амонатҳои шабонарӯзӣ маблағи озод ҷалб шуд, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз 982,7 миллион сомониро ташкил менамояд,- афзуд номбурда.

Таъкид гардид, ки дар мамлакат 63 ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 бонк, бонки исломӣ, ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 19 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти қарзии хурд ва 25 фонди қарзии хурд фаъолият доранд. Ин муддат шумораи воҳидҳои сохтори ин ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба 1899 адад расид, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 188 адад зиёд мебошад.

Аз қарзҳои дар ин давра додашуда ба соҳаҳои истеъмолот 46,3 фоиз, саноат - 11,9, хизматрасонӣ - 7,1, сохтмон - 3,5 ва дигар соҳаҳо 2,6 фоиз рост меояд.

Таносуби пули нақд ва амалиёти ғайринақдӣ 75 фоиз ба 25 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ҳиссаи амалиёти ғайринақдӣ 8,4 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

**С. СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# ОМИЛИ РАҚОБАТПАЗИРӢ ДАР БОЗОРИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ЧИСТ?

**Ин саволи асосие буд, ки дар нишасти матбуотӣ ба ректори Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон Бахтиёр Маҳмадалӣ дода шуд. Ректор изҳор дошт, ки омили асосӣ пуштибонӣ аз сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, муҷаҳҳаз будан бо технологияи муосири таълим, савияи баланди дониши устодон, тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ аст.**

- Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ дар муассиса аз рӯи 29 ихтисоси самти саноати кӯҳиву геология, металлургияву энергетика ва иқтисодиёти саноат таҳсил ба роҳ монда шуда, теъдоди донишҷӯён 2800 нафарро ташкил медиҳад. Аз 237 омӯзгори муассиса, 156 нафарашон соҳиби унвони илмианд, – иброз намуд ректор.

Донишҷӯён таҷрибаомӯзии худро дар корхонаҳои саноати кӯҳӣ, ба монанди ҶМТКММ «Апрелевка», ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ - саноатии Тоҷикистону Чин», ҶСК «Ангишт», ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж», «Экспедитсияи комплекси геологии Қайроққум» КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон», ҶММТАКМ «Анзоб» ва ғайра мегузаронанд.



Саволи дигаре, ки ба ректор дода шуд, таъмини хатмкунандагон бо ҷойи кор буд. Маълум гардид, ки 73 хатмкардаи гурӯҳи буҷетӣ дар корхонаву муассисаҳои соҳавӣ соҳиби роҳхат шудаанд. Боқимонда дар НБО «Роғун» ва дигар корхонаҳои саноатии кӯҳӣ ва истеҳсолоти ватанӣ бо кор таъмин гардиданд.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| № т/р | ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 424412 | Муассисаи давлатии таълимии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Варзоб | Таъмири ҷории биноиМуассисаи давлатии таълимии мактаби тахсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Варзоб | Озмуни кушод | Кор | 1 | 30.08.2024 09:20:00 |
| 2 | 424410 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Таъмири ҷории биноиРаёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.09.2024 07:55:00 |
| 3 | 424411 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таъмир ва хизматрасонии техникии воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизот ва хизматрасониҳои ба он вобастаи 11 адад автомобили тамғаашон гуногун | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.09.2024 08:05:00 |
| 4 | 424414 | Муассисаи таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №18-и ноҳияи Б.Ғафуров» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 24 | 10.09.2024 11:55:55 |
| 5 | 424421 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои дил» | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 10.09.2024 14:30:00 |
| 6 | 424422 | Муассисаи давлатии «Таваллудхонаи шаҳрии №1» | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 49 | 10.09.2024 14:40:00 |
| 7 | 424389 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 40 | 10.09.2024 15:20:13 |
| 8 | 424391 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Кӯлоб | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Кӯлоб | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.09.2024 15:49:11 |
| 9 | 424390 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3 - и шаҳри Роғун | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и шаҳри Роғун | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.09.2024 15:50:00 |
| 10 | 424393 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Газонокосилкаҳо, насосҳои обкашӣ, дискҳои алмосӣ, дастпӯшакҳои хоҷагидорӣ ва ҷорӯб барои ҳавлирӯбӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 10.09.2024 16:04:34 |
| 11 | 424396 | Муассисаи таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №7-и ноҳияи Б. Ғафуров» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 34 | 10.09.2024 16:05:35 |
| 12 | 424397 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №2-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 35 | 10.09.2024 16:15:35 |
| 13 | 424392 | Муассисаи давлатии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии 17- и шаҳри Роғун | Таъмири ҷории бинои муассисаи давлатии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии 17- и шаҳри Роғун | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.09.2024 16:20:00 |
| 14 | 424395 | Муассисаи давлатии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии 1- и шаҳри Роғун | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Роғун | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.09.2024 16:40:00 |
| 15 | 424398 | Ширхоргоҳ - кӯдакистони № 19-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 42 | 10.09.2024 16:45:35 |
| 16 | 424399 | Беморхонаи физиотерапевтии вилояти Суғд, ҷамоати деҳоти Ғӯлакандоз | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 10.09.2024 16:45:35 |
| 17 | 424406 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Маҳсулоти сантехникӣ, обпошак, мотопомпа, қубурҳо ва ноқил | Озмуни кушод | Мол | 33 | 10.09.2024 16:56:56 |
| 18 | 424400 | Маркази вилоятии солимгардонии касалиҳои шараёну дили шаҳри Хуҷанд | Таъмири бинои №2-и маркази вилоятии солимгардонии касалиҳои шараёну дили шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.09.2024 17:20:00 |
| 19 | 424401 | Маркази вилоятии солимгардонии касалиҳои шараёну дили шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 26 | 10.09.2024 18:05:05 |
| 20 | 424402 | Беморхонаи ноҳиявии №3-и ҷамоати деҳоти Ҳайдар Усмони ноҳияи Б. Ғафуров | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 24 | 10.09.2024 18:05:05 |
| 21 | 424403 | Беморхонаи касалиҳои сирояткунандаи шаҳри Хуҷанд | Реактивҳо, тестҳо ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 43 | 10.09.2024 18:05:05 |
| 22 | 424404 | Беморхонаи шаҳрии шаҳри Бӯстон | Лавозимоти барқӣ, фурӯзонакҳои каммасраф, бланкаҳо, принтер, мизи ҷарроҳии барқӣ ва гиппохлорити калсий | Озмуни кушод | Мол | 15 | 10.09.2024 18:05:05 |
| 23 | 424405 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун дар шаҳри Хуҷанд» | Контейнери полимерӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 10.09.2024 18:05:05 |
| 24 | 424408 | Муассисаи давлатии «Маркази мубориза бар зидди бемории сили вилояти Суғд» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 45 | 10.09.2024 19:05:05 |
| 25 | 424407 | Беморхонаи маркази ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 47 | 10.09.2024 19:19:19 |
| 26 | 424413 | Муассисаи давлатии «Осоишгоҳи табобати собиқадарони ҷангу меҳнати Харангон»-и ноҳияи Варзоб | Бофидани симтӯрсанг дар ҳудуди МД «Осоишгоҳи табобатии собиқадарони ҷангу меҳнати «Харангон»-и ноҳияи Варзоб | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.09.2024 10:30:00 |
| 27 | 424418 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Ҳамадонии вилояти Хатлон | Таъмири асосии бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Ҳамадонӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.09.2024 14:16:39 |
| 28 | 424419 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб» | Азнавсозии бинои толори варзишии Донишгоҳи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.09.2024 14:16:54 |
| 29 | 424420 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб | Таъмиру азнавсозии манзили истиқоматии хизматии прокуратураи шаҳри Кӯлоб | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.09.2024 14:21:53 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 10-уми сентябри соли 2024 музоядаҳои № 44 ва № 45-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

**МУЗОЯДАИ № 44**

| т/р № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Ҳолати воқеӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Соати мардонаи тамғаи «CHAIROS» | адад | 1 | --- | 3120 |
| 2 | Соати мардонаи тамғаи «ARMAND NIKOLET» | адад | 1 | --- | 21120 |
| 3 | Телефони мобилии тамғаи «Huawei» | адад | 1 | --- | 375 |
| 4 | Телефони мобилии тамғаи Redmi | адад | 1 | --- | 375 |
| 5 | Телефони мобилии тамғаи «Самсунг B310E» | адад | 1 | --- | 75 |
| 6 | Телефони мобилии тамғаи «Samsung» | адад | 2 | --- | 450 |
| 7 | Собуни ҷомашӯии «Победа» | адад | 1140 | --- | 4332 |
| 8 | Маҳсулоти ширинии «Подушка» | кг | 70 | --- | 980 |
| 9 | Оби нӯшокии ташнашикани «Горилла» | адад | 192 | --- | 1152 |
| 10 | Телефони мобилии тамғаи «Samsung Galaxy A14» Sm-A145F/DS 4GB 64GB | адад | 5 | хуб | 5200 |
| 11 | Телефони мобилии тамғаи «Redmi 12» Midnight Blask 4GB RAM 128GB | адад | 3 | хуб | 2700 |
| 12 | Телефони мобилии тамғаи «Samsung Galaxy» F13 RAM 4GB 64GB | адад | 10 | хуб | 10400 |
| 13 | Телефони мобилии тамғаи «Redmi 10 C» RAM 3GB 64GB | адад | 12 | хуб | 7680 |
| 14 | Телефони мобилии тамғаи «Redmi 4X» RAM 2GB 16GB | адад | 5 | хуб | 1120 |
| 15 | Телефони мобилии тамғаи «Redmi NOT 12S» RAM 8GB 256GB | адад | 1 | хуб | 1050 |
| 16 | Телефони мобилии тамғаи «Redmi 12» Midnight Blask RAM 8GB 256GB | адад | 2 | хуб | 2100 |
| 17 | Телефони мобилии тамғаи «Redmi 12C» RAM 3GB 64GB | адад | 2 | хуб | 1360 |
| 18 | Телефони мобилии тамғаи «Samsung Galaxy A14» RAM 4GB 128GB | адад | 2 | хуб | 2100 |
| 19 | Телефони мобилии тамғаи «Samsung Galaxy» GRAND2 | адад | 31 | хуб | 7440 |
| 20 | Телефони мобилии тамғаи «Samsung Galaxy» Duos Win | адад | 15 | хуб | 2400 |
| 21 | Телефони мобилии тамғаи «Samsung Galaxy» Gold | адад | 13 | хуб | 3120 |
| 22 | Телефони мобилии тамғаи «Samsung A10S» 32GB | адад | 1 | истифодашуда | 150 |
| 23 | Телефони мобилии тамғаи «Redmi 11» | адад | 1 | истифодашуда | 380 |
| 24 | Дари пластикии тайёршуда | дона | 4 | --- | 4480 |
| 25 | Рамкаҳои дар | дона | 7 | --- | 1680 |
| 26 | Тирезаҳои пластикии тайёршуда | дона | 6 | --- | 5400 |
| 27 | Рамкаҳои тиреза | дона | 7 | --- | 1680 |
| 28 | Профили пластикӣ | дона | 19 | --- | 3040 |

**МУЗОЯДАИ № 45**

| № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Чойники истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | адад | 120 | 1800 |
| 2 | Пойафзоли резинии мардона ва занонаи истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | ҷуфт | 60 | 1080 |
| 3 | Хокаи ҷомашӯии навъи «Апрел»-и истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | кг | 54 | 432 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол», оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ДАРАК ДИҲЕД!

Писари ман Мансуров Шаҳрон Раҷаббойевич, санаи таваллудаш 16-уми январи соли 1992, ҷойи истиқоматаш шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоиқ Шералӣ, хонаи 90, моҳи апрели соли 2014 ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Россия рафта, аз моҳи октябри соли 2015 инҷониб бедарак аст. Аз ҳамаи онҳое, ки дар бораи писарам Мансуров Шаҳрон Раҷаббойевич маълумоте доранд, хоҳишмандам ба ман - Мансурова Моҳира бо суроғаи дар боло зикршуда ё бо телефони 915-64-26-85 хабар расонанд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 10-уми майи соли 2017 ба Немонзода Беҳрузи Ҷамолидин додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ҶТ №0155749, ки онро МДТ «Литсейи касбии хизмат ва туризми шаҳри Душанбе» соли 2021 бо ихтисоси «Ҳисобдор бо донистани компютер» ба Аброров Спитамен Фарҳодович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ 23-юми июни соли 1995 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Мушфиқӣ, бинои 61, хонаи 52, ба Ғуломов Қузратулло Ҷанатуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Мушфиқӣ, бинои 61, хонаи 52, ба Ғуломов Қузратулло Ҷанатуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи №822846, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 4-уми июли соли 1981 таҳти қайди №1916 ба Раҷабов Шаҳрихон додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Нодира, хонаи 25, ба Убайдуллоев Равшан Саидович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №1148036, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №59-и шаҳри Турсунзода 20-уми июни соли 2023 ба Одинаев Илҳомҷон Ғуломович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ № 0958472, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №125-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2021 ба Муҳамадиев Баракатулло Кароматуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ҶТ № 0179304, ки онро Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2023 таҳти қайди 1431 бо ихтисоси «Системаи компютерӣ ва интернет-технология» ба Раҷабов Исроил Исмоилович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №1279253, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2024 ба Салимов Ҳусейн Абдураҳмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи №0424743 дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Варзоб 4 августи соли 2022 таҳти №3870 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, деҳоти Луҷоб, деҳаи Дурманбулоқ, қитъаи замини наздиҳавлигӣ, ба Сайдалиев Шамсидин Сайдалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 29/1, хонаи 23, ба Анваров Ҷаҳонгир Муминҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Роҳатӣ, деҳаи Роҳатӣ, ба Холова Гавҳар Норбоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшудаи №0298525, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 9-уми декабри соли 2011 ба Худойқулов Худоёр Икромович (РМА 605222127, РЯМ 6030055039) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 21/5, хонаи 16, ба Норова Моинав додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 21/5, хонаи 16, ба Норова Моинав додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши як қисми ҷои савдо, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Норак 23 сентябри соли 2019 таҳти феҳрасти 1Ш-361 бо суроғаи шаҳри Норак, минтақаи манзилии №1, кӯчаи А. Рӯдакӣ, бинои беРақам, як қисми ҷои савдо, ба Нарзуллоев Муҳиддин Рустамович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №26 (ҳоло МТМУ №81)-и ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ) соли 1996 ба Искандарова Гулбаҳор Рустамовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи №0281356 дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 25-уми декабри соли 2019 ба ҶДММ «Ҷило дент» (РЯМ 0410034635, РМА 040056483) додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 25-уми декабри соли 2019 ба ҶДММ «Ҷило дент» (РЯМ 0410034635, РМА 040056483) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 3-юми июни соли 2014 ба Каримов Мустафо Абдулазизович (РМА 126231668, РЯМ 1230116452) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А 3450899, ки онро ШВКД дар ноҳияи Москва (ҳоло ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) 25-уми июни соли 2005 ба Шукурова Зулфия Қувватовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии гумшуда, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Назаров Акрам Сайдуллоевич (санаи таваллудаш – 20-уми майи соли 2001) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №0167163, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №44-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2006 ба Нигматова Сурайё Ҷунайдуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Варзоб, хонаи №10-14, ба Назарова Умринисо Абдуганиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Варзоб, хонаи №10-14, ба Назарова Умринисо Абдуганиевна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Маркази таълимии «Сипос Хуҷанд» (РЯМ 5110025030), ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд 2 июни соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Умед фарм» (РМА 070017265, РЯМ 0710010309), ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода 27 сентябри соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «АСМО» (РМА 030023430), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Ҳорис» (РЯМ 0410035780, РМА 040057767), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 1-уми октябри соли 2020 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҳамаи шаҳрвандон ва волоияти қонун

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 23 августи соли 2024, соати 16:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33085 нусха*

Навбатдори шумора Ф. Абдулҳакимова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97